# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Бояд зикр кард, ки яке аз намудҳои маъмул ва муҳими ҳуқуқи моликиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таъмини ҳаракати озоди шаҳрвандон ва рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад, ҳуқуқи соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ нисбат ба воситаҳои нақлиёт ба шумор меравад. Бо дарназардошти дигаргуниҳои шадиди иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар, нақши воситаҳои нақлиёт дар ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон ва фаъолияти иқтисодӣ пайваста меафзояд. Дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодӣ аҳамияти нақлиёт дар ҳаёти ҷамъиятӣ торафт зиёд мегардад. Имрузҳо дар ҶТ инкишофи босуръати нақлиёт, баланд шудани сатҳи истифодаи он зиёд шудани шумораи он ба души аҳолӣ мушоҳида мешавад.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт дар фасли XI "Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт" ҷойгир шудааст.

Дар таъмини ҳифзи чунин молкият, инчунин шахсони онро қонунӣ истифодабаранда, яке аз нақшҳои асосиро таркиби ҷиноятӣ м. 252 КҶ ҶТ иҷро менамояд.

Қонунгузор чунин таркиби ҷиноятро мустаҳакам намуда кушиш менамояд, ки дахлнопазирии моликиятро дар намуди воситаи нақлиёт аз таҷовузҳои шахсони бевиҷдон, ки бо усулҳои ғайриқонунӣ аз ҳисоби автомобил ё дигар воситаи нақлиёти ғайр талаботҳои шахсии худро қонеъ кардан мехоҳанд, таъмин намояд. Шахсони ҷинояти мазкурро

содиркунанда муносибати беэътиноёнаи худро ба атрофиён, моликияти онҳо, ба меъёрҳои умумиэътирофшудаи қойдаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ намоиш дода, дар шаҳрвандон эҳсости ноамониро ба вуҷуд меоварад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалия то ҳол бисёр аз масъалаҳои вобаста ба ҷинояти мазкур, аз ҷумла предмети ин ҷиноят, доираи субъектони он, фарқ намудани ҷинояти мазкур аз дигар таркиби ҷиноятҳо, бахусус дуздӣ, муайян намудани андозаи зарари расонидашуда, мавқеи ин ҷиноят дар Қисми махсуси КҶ ҶТ, оид ба аломатҳои дигари таркиби ин ҷиноят баҳсҳо идома доранд. Фаҳмиши гуногуни ба ҷамъият хавфнокии ин ҷиноят боиси он гардидааст, ки дар қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои пасошуравӣ (Ҷумҳуриҳои Узбекистон, Украина) ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар қатори ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт мустаҳакам шудааст.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом соли 2006 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2011 хатм намудааст.

Аз соли 2014 то соли 2020 ба ба ҳайси муфатиши РВКДҶТ дар вилояти Хатлон кор кардааст. Баъдан, ӯ аз соли 2021 то ин ҷониб ба сифати ассистентии кафедари ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом аз муқаддима, 3 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Дар мукаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Дар боби аввали таҳқиқот “**Тавсифи таърихӣ- ҳуқуқӣ ва муқоисавии меъёр оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф”** ду зербоби асосиро дар бар мегирад. Дар доираи боби мазкур, масъалаҳои таърихи рушди муқаррар шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои мазкур ва хусусиятҳои дар қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ таҷассум ёфтани чунин кирдорҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюми таҳқиқот “**Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф”-ро** дар бар мегирад. Боби мазкур аз се зербоб иборат буда, дар доираи онҳо аломатҳои ҳуқуқӣ- ҷиноятии кирдорҳои дар м.252 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда таҳлил гардидааст.

Дар боби сеюм бошад ба масоили **“Фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф”** бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бо таркиби якчанд ҷиноятҳо, аз қабили дуздӣ, роҳзанӣ, худсарӣ ва ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани ҳавопаймо, киштӣ ё қатори роҳи оҳан монандӣ дорад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», ба талаботи Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиноси, профессори кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов Т.Ш.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино кучаи Испечак 2
**Тел:** (+992) 918-40-86-00
**E-mail:** takdirshoh@mail.ru

Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«05» 06 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудаки, 17, ш. Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj